# СУРАТҶАЛАСАИ №3

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар бораи ба ташхиси аввалия қабул кардани диссертатсияи Каримов Раҳматулло Қудратович дар мавзуи «Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии профессор Яқубов Ҳ.М. ва рушди химияи координатсионӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих).

аз 25 январи соли 2025

Аъзои шурои диссертатсионӣ - 16 нафар
Иштирок доштанд - 12 нафар, аз онҳо
3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Дар бораи ба ташхиси аввалия қабул кардани диссертатсияи Каримов Раҳматулло Қудратович дар мавзуи «Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии профессор Яқубов Ҳ.М. ва рушди химияи координатсионӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих).

ШУНИДА ШУД: Аз рӯйи ин масъала раиси шурои диссертатсионӣ Комилӣ А.Ш. баромад намуда, қайд кард, ки аз номи Каримов Раҳматулло Қудратович ба шурои диссертатсионӣ ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсия ворид гардидааст. Сипас барои бо ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ шинос намудани ҳозирин суханро ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Болтаев М.А. дод.

БАРОМАД НАМУД: Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Болтаев М.А. баромад карда, қайд намуд, ки ҳуҷҷатҳои аз тарафи унвонҷӯ пешниҳодшуда (автореферат ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ, диссертатсия) ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №267, тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки барои ба ташхиси аввалия қабул кардани диссертатсияи Каримов Раҳматулло Қудратович ягон мамониат вуҷуд надорад.

Гуфтаҳои болоро ба эътибор гирифта, шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Каримов Раҳматулло Қудратович дар мавзуи «Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии профессор Яқубов Ҳ.М. ва рушди химияи координатсионӣ дар Тоҷикистон» (роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р.) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

1. Холназаров Санг – узви шуро, доктори илмҳои педагогика, профессор, (13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) – раиси комиссия;
2. Холов Маҳмудҷон Шарипович – номзади илмҳои физикаю математика, (01.04.19 – физикаи полимерҳо) – аъзои комиссия;
3. Нуров Умархон Алихонович - номзади илмҳои химия (02.00.03 – химияи органикӣ) – аъзои комиссия.

Қарор қабул карда шуд: тарафдор «12», зид, бетараф «нест».

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-061
назди МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори
илмҳои физикаю математика, профессор — Комилӣ А.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионии
6D.КОА-061 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав», номзади
илмҳои химия, дотсент — Болтаев М.А.

Имзои А.Ш. Комилӣ ва М.А. Болтаевро
тасдиқ мекунам, сардори ШК ва ҚМ
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Исозода Т.И.